**ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**АКАДЕМИЯ**

# ҲИСОБОТ

# ОИД БА НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТИИ АКАДЕМИЯИ ВКД ДАР СОЛИ 2016

**Ҳисобот дар ҷаласаи Шӯрои олимони Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2017 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст**

**Мураттибон:**
**Сарнозир оид ба робитаҳои байналмилалии Академияи ВКД, подполковники милитсия Каримова Л.М.;**
**Ходими калони илмии ШТИваТН Академияи ВКД, майори милитсия Хабирова Т.А.**

**ДУШАНБЕ 2017**

## ПЕШГУФТОР

**оид ба натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016**

**Маҳз саъю талоши бевоситаи Ҳукумати мамлакат буд, ки дар тӯли беш аз даҳ сол Академияи Вазорати корҳои дохилӣ ба як муассисаи муқтадири таълиму тарбияи кадрҳо ва маркази пешбурди корҳои илмӣ мубаддал гардида, бахусус дар самти робитаву ҳамкории дуҷониба бо дигар муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷӣ ба нишондиҳандаҳои назаррас ноил шудааст.**

***(Суханронии Эмомалӣ Раҳмон дар маросими гузоштани санги асоси бунёди бинои нави таълимии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20.06.2014).***

Профессорону омӯзгорон, докторантону адъюнктон ва шунавандагону курсантони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2016 дар раванди иҷрои Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ба натиҷаҳои муайян ноил гардида, барои татбиқи он кӯшиши беандоза сарф кардаанд. Соли ҷорӣ коллективи Академияи ВКД динамикаи мусбиро дар самти фаъолияти илмӣ нигоҳ дошта тавонист.

Саъю кӯшишҳои ҳайати олимони Академияи ВКД бахри дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатӣ оид ба илм ва техника, иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди тадқиқотҳои илмӣ ва иҷрои як қатор чорабиниҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илмӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин худи Академияи ВКД равона карда шуда буданд.

Соли ҳисоботӣ ба соле рост омад, ки дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила чорабиниҳои сиёсию фарҳангию варзишӣ, аз ҷумлаи Рӯзи Президент, 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, 25-солагии таъсисёбии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷониби Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид эълон шудани Даҳсолаи нави байналмилалии «Об барои рушди устувор», ки ташаббускори ин пешниҳод Тоҷикистон маҳсуб мегардад, чемпион ва сазовори медали тиллоии бозиҳои 31-уми тобистонаи олимпӣ дар шаҳри Рио де Жанейро гардидани гурзпартои тоҷик - Дилшод Назаров ва дигар чорабиниҳо таҷлил гардиданд.

Дар соли ҳисоботи олимону устодони Академияи ВКД дар таҳқиқу омӯзиш, тарғиби таҳкими давлатдорӣ, масъалаҳои мухталифи таъриху фарҳангӣ ва чорабиниҳои илмию сиёсии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ саҳми арзандаи худро гузошта, дар таҳия, коркард ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таълифу омода намудани монографияҳо, нашрҳои илмӣ-амалӣ, китобҳои дастаҷамъона, маҷаллаҳои илмӣ ва ғайра фаъолона ширкат намуданд.

Таҷлили ин гуна ҷашнвораҳо, ки ҷиҳати боз ҳам инкишоф ёфтани ҳисси худшиносию худогоҳии миллии тоҷик саҳми арзанда мегузоранд, дар баробари аҳамияти бузурги сиёсию таърихӣ доштанашон, инчунин, аҳамияти калони илмию амалӣ низ доранд.

Аз ин ҷост, ки ҳайати профессорону омӯзгорон, адъюнктон ва шунавандагону курсантони Академияи ВКД бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ барои иҷрои

нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ камари ҳиммат баста, барои пешрафти корҳои илмӣ ва баланд бардоштани обрӯю эътибори муассисаи таълимии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштанд.

Дар ин ҷода, нишондиҳандаҳои зерин далели ин гуфтаҳо мебошанд:

1) Моҳи апрели соли 2016 силсилаи корҳои илмии профессори кафедраи Ташкили идоракунии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Академия ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, генерал-лейтенанти милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро дар самти «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» дар озмуни ҷумҳуриявӣ барои дарёфти ҷоизаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар соҳаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва гуманитарӣ дар соли 2016 иштирок намуда, ҷоизадори озмуни мазкур гардид.

2) Моҳи апрели соли 2016 профессори кафедраи Ташкили идоракунии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Академия ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, генерал-лейтенанти милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро **аъзои ҳақиқии Академияи илмҳои умумиҷаҳонии амнияти дастаҷамъӣ (всемираная Академия Наук Комплексной Безопасноти)** гардида, аз ҷониби Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимӣ Фарҳод ба Вазири корҳои дохилӣ Дипломи ин Академияи бонуфузи ҷаҳонӣ супорида шуд.

3) Моҳи декабри соли 2016 дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон бо ташаббуси Академияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар назди Прокуратураи генералӣ ва Китобхонаи Президенти Якуми Ҷумҳурии Қазоқистон Пешвои миллат Нурсултон Назарбоев дар миқёси ИДМ озмуни байналмилалӣ оид ба «Нашрияи беҳтарини муассисаҳои олии таҳсилотӣ дар соҳаи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ» («Лучшее вузовское издание в сфере правоохранительной деятельности») ташкил ва баргузор шуд, ки дар номинатсияи «Нашрияи беҳтарин бахшида ба масъалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, криминалистика ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ») монографияи профессори кафедраи Ташкили идоракунии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Академия ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хуқуқшиноси Шоистаи Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, генерал-лейтенанти милитсия **Раҳимзода Рамазон Ҳамро** бо номи **«Оперативно-розыскная деятельность: история и современность»**, иборат аз 320 саҳифа («ЭР-граф», соли 2016) **мақоми аввалро соҳиб шуд.** Ин воқеаи фараҳбахш боиси ифтихору сарбаландии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон низ гардид.

4) Барои олимони ҷавоне, ки дар соҳаи илм ва техника корҳои намоён анҷом додаанд, ба **Ҷоизаи И.Сомонӣ** сазовор гардидани номзади илмҳои ҳуқуқ, профессори кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ, майори милитсия Юлдошев Р.Р. боз як дастоварди Академияи ВКД дар 25-соли Истиқлолияти давлат мебошад.

Пешравии обрӯю нуфӯзи Академия боз дар он ифода гардидааст, ки олимони ин муассисаи таълимӣ дар фаъолияти ниҳодҳои байналмилалӣ дар миқёси ИДМ ба сифати намояндаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона иштирок менамоянд. Масалан, аз соли 2015 оғоз намуда, муовини сардори Академия оид ба илм, номзади илмҳои ҳуқуқ, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, полковники милитсия Солиев К.Ҳ. ба сифати аъзои Шӯрои илмӣ-машваратӣ дар назди Шӯрои Вазирони корҳои дохилии ИДМ маҳсуб мегардад, ки манфиатҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин ниҳоди байналмилалӣ фаъолона пешбарӣ менамояд. Дар самти тақвият додани фаъолияти муштарак оид ба таъмини илмии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии/политсияи давлатҳо-узвҳои ИДМ ва ба сатҳи баланд бардоштани ҳамкориҳо дар самти муқовимат ба ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ дар миқёси ИДМ полковники милитсия Солиев К.Ҳ. моҳи октябри соли 2016 дар **ҷаласаи навбатии Шӯрои илмӣ-машваратии назди Шӯрои Вазирони корҳои дохилии ИДМ**

иштирок намуда, аз номи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодот манзур намуд, ки онҳо ба нақшаи кории Шӯрои мазкур барои солҳои 2017-2018 ворид карда шуданд. Ин пешниҳодот инҳоянд:

1) Лоиҳаи Созишномаи давлатҳои узви ИДМ «Дар бораи Тартиби ягонаи гузаронидани таҳвили назоратшавандаи байналмилалӣ аз рӯи муроҷиати мақомоти милитсия/политсияи давлатҳо-узвҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил».

2) Лоиҳаи Созишномаи давлатҳои узви ИДМ «Дар бораи ҳамкориҳо дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ҳудуди давлатҳо-узвҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил».

Соли ҳисоботӣ боз бо он хотирмон гаштааст, ки сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, полковники милитсия Шарифзода Ф.Р. бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон моҳи ноябри соли 2016 ба **рутбаи олии махсус – генерал-майори милитсия** сазовор гардид.

Ҳамзамон, боиси ифтихор аст, ки зери таҳрири сардори Академияи ВКД, номзади илмҳои ҳуқуқ, генерал-майори милитсия Шарифзода Ф.Р. ва дастгирии бевоситаи Вазири корҳои дохилӣ Раҳимзода Р.Ҳ. моҳи декабри соли 2016 **нашри илмӣ-амалӣ** «**Библиография**» аз чоп бароварда шуд, ки дар он дастовардҳои фаъолияти илмӣ-тадқиқотии олимону устодони Академия дар 25 соли истиқлолияти мамлакатамон гирд оварда шудааст. Ин нашр далели мақоми арзанда доштан ва баланд рафтани нуфузи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар миқёси муассисаҳои таълимӣ ва илмии ҷумҳурӣ муаррифӣ менамояд.

Бояд қайд намуд, ки ташаббуси роҳбарияти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъсис додани гурӯҳи кории муаллифон бо мақсади омода намудани китобҳои дарсии соҳавӣ бо ҷалби мутахассисони соҳа иқдоми нахустин набуда, баҳри ғанӣ гардонидани махзанҳои таълимӣ ва илмии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва китобхонаҳои дахлдор, равона карда шудааст. Вобаста аз натиҷаҳои ба дастомада, бо итминони комил метавон ибрози ақида намуд, ки дар ин ҷода боз қадами устувор гузошта шуд. Дар ҳамкорӣ ва ҳаммуаллифӣ бо устодони донишгоҳҳои ҷумҳурӣ ва як қатор кормандони мақомоти қонунгузор **китоби дарсӣ аз фанни "Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ"** аз нашр баромад, ки бо қарори Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати китоби дарсӣ барои донишгоҳҳои олӣ тавсия карда шуд. Лозим ба ёдоварист, ки бобҳои 17-18, 20, 22 ва 23 китоби дарсии мазкур ба қалами профессори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД, н.и.ҳ., майори милитсия Юлдошев Р.Р. тааллуқ доранд.

Дар системаи омода намудани кадрҳои баландихтисоси риштаи ҳуқуқшиносӣ фанни таълимии «Мурофиаи ҷиноятӣ» мақоми махсусро дорад. Маҳз, инкишофи фанни таълимӣ ва илми мурофиаи ҷиноятӣ, васеъ ва дуруст истифода бурдани дастовардҳо ва нозукиҳои қонунгузории соҳавӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судӣ ва дигар сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам овардананд, то ин ки дар самтҳои номбаршуда маводи таълимии лозимӣ омода карда шавад.

Чӣ тавре, ки дар боло қайд карда шуд, соли ҷорӣ ба соли 25-солагии таъсисёбии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон рост омад. Бахшида ба ин санаи фархунда чорабинии тантанавии идона баргузор карда шуд. Дар чорабинии мазкур Вазири корҳои дохилӣ, генерал-лейтенанти милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро, Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Орумбекзода Шамсиддин Шодибек, Раиси Кумитаи ҷавонон варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуллозода Аҳтам Рустам, Муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматулло Мирбобоев, раиси муассисаи давлатии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Розиқзода Абдулҳаким Шералӣ, инчунин сардорони раёсатҳои Дастгоҳи марказии ВКД, раёсатҳо ва роҳбарони дигар

мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ, дар умум беш аз 70 нафар меҳмонон иштирок намуданд.

Аз ҷониби ШТИваТН намоиши китобҳо ташкил карда шуд, ки ба маърази тамошобинон асарҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастовардҳои илмии кормандони Академия дар зарфи 25 соли фаъолият пешкаш карда шуд.

Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Орумбекзода Ш.Ш., Раиси Кумитаи ҷавонон варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуллозода А.Ҳ., Муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Мирбобоев, раиси муассисаи давлатии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Розиқзода А.Ш. ба маърӯзаҳои табрикотии худ баромад намуданд. Аз ҷониби Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастовардҳои хуби меҳнатӣ беш аз 35 нафар ҳайати шахсии Академияи ВКД бо мукофотҳои соҳавӣ қадрдонӣ карда шуданд.

Тибқи фармони Вазири корҳои дохилӣ, генерал-лейтенанти милитсия Р.Раҳимзода меҳмонони даъватшудаи чорабинии мазкур бо медали ҷашнии «25-солагии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардонида шуданд.

Соли 2016 дар Академия ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон **дар се самти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ** фаъолият ба роҳ монда шудааст, ки онҳо хусусияти дарозмӯҳлат дошта, аз ҷониби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад.

**Мавзӯи 1-ум** бо номи «Ташаккули консепсияи давлати ҳуқуқбунёд ва бехатар дар Тоҷикистон (солҳои 2015-2017)» («Формирование концепции правового и безопасного государства в Таджикистане (2015-2017 гг.)»), ки аз ҷониби Фонди Президентии тадқиқоти бунёдӣ маблағгузорӣ карда мешавад.

**Мавзӯи 2-юм** бо номи «Ҷанбаҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва иттилоотии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2016-2020)» («Политико-правовые и информационные аспекты правоохранительной деятельности в Республике Таджикистан (2016-2020 гг.)») доро мебошад, ки барои 5 сол пешбинӣ шуда, **аз ду фасл иборат аст:**

**1.** «Такмили асосҳои меъёрӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» («Совершенствование нормативных основ и правоприменительной деятельности правоохранительных органов Республики Таджикистан»);

**2.** «Дастгирии иттилоотии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ Ҷумҳурии Тоҷикистон» («Информационная поддержка деятельности правоохранительных органов Республики Таджикистан»).

Иҷрокунандагони ин мавзӯъ ҳайати олимони самти ҳуқуқшиносӣ ва математикаю техникӣ ба ҳисоб мераванд.

**Мавзӯи 3-юм** бо номи «Омилҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии каҷрафтории ҷавонон дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар профилактикаи ҳуқуқвайронкунӣ» (солҳои 2016-2020) («Социально-политические и социокультурные факторы девиантного поведения молодёжи в современном таджикистанском обществе и деятельность органов внутренних дел по профилактике правонарушений» (2016-2020 гг.)) касб намудааст, ки барои 5 сол пешбинӣ шудааст.

Иҷрокунандагони ин мавзӯъ ҳайати олимони самти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб мераванд.

Қайд кардан ба мавридаст, ки Академияи ВКД сарбаландона аз иҷрои мавзӯъҳои илмӣ-тадқиқотии панҷсола барои солҳои 2011-2015 баромада, шурӯъ аз

соли 2016 ба иҷрои мавзӯъҳо **барои панҷсолаи навбатии** солҳои 2016-2020, ки аз ҷониби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад, мепайвандад.

Ҷиҳати иҷро намудани бандҳои 2.3. Қарори Мушовараи муштараки Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, ки бо фармони ВКД Россия ва ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 ноябри соли 2015 таҳти рақами № 1 коб Р-Т/2 «Оид ба ҳолати ҳамкориҳо дар соҳаи омодагии кадрҳо ва таъмини илмии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон » гузаронидани корҳои илмии тадқиқотии муштарак дар соли 2017 вобаста ба мавзӯи «**Актуальные проблемы противодействия экстремистской деятельности в Российской Федерации и Республики Таджикистан**» олимону устодони Академияи ВКД - Солиев К.Ҳ., Сафаров Ҳ.С., Тошев А.М., Каримов Ҳ.М., Алимардонов М.У. ва Ҳайдарзода М.П. санаи 15 сентябри с.2016 ба ҳайси аъзои гурӯҳи корӣ таъин гардиданд ва дар ин самт фаъолият бурда истодаанд.

Ҳамчунин, ҷиҳати иҷро намудани банди 4 Нақшаи Ассотсиатсияи мактабҳои олии ВКД/Политсияи давлат-иштирокчиёни ИДМ иштирок дар тадқиқоти илмии доир ба мавзӯи "Оид ба мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва прекурсорҳо, ҳамчунин муқовимат бо нашъамандӣ дар ҳудуди давлат-иштирокчиёни ИДМ дар соли 2016" (шарҳи таҳлилӣ)" Арипов А.Л., Нажбудинов М.А., Аҳтамшозода А.С. 24 ноябри с.2016 ба ҳайси аъзои гурӯҳи корӣ таъин гардиданд.

Дар соли ҷорӣ аз **131** нафар профессорону омӯзгорон ва кормандони илмии Академияи ВКД дар иҷрои фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ 84 нафар **(дар якҷоягӣ бо омӯзгорон-ҳамкорони дохилӣ (академиявӣ))** иштирок намудаанд, ки аз онҳо **30** номзадони илм мебошанд.

Аз **131** нафар профессорону омӯзгорон **96** нафарашон дар факултетҳои №№ 1, 2, 3 ва 5 (ш.Душанбе) ва **35** нафарашон дар факултети № 4 (ш.Хуҷанд) фаъолият менамоянд.

Ба ин шумораи умумии омӯзгорон, инчунин дохил мешаванд:

- Муаллим-методистон – 5 нафар;
- Муаллим-методистони калон – 4 нафар;
- Сардорони кабинет – 15 нафар;
- Ходимони илмӣ – 2 нафар;
- Ходимони калони илмӣ – 1 нафар.

Омӯзгороне, ки дар фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ **иштирок намекунанд,** асосан ба инҳо рост меоянд:

- кафедраҳои тактикаи махсус ва омодагии ҷисмонӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (факултети № 2);
- кафедраи фанҳои муҳандисӣ-техникӣ (факултети № 3);
- кафедраҳои фанҳои ҳарбӣ-хизматӣ, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, омодагии касбӣ ва ҷисмонӣ (факултети № 4);
- кафедраи бехатарӣ аз сӯхтор (факултети № 5).

Дар соли ҳисоботӣ дар **Шӯрои олимони Академия,** дар ҷаласаҳои роҳбарият ва ҷаласаҳои машваратии назди сардори Академия **26** масъалаҳои ба илм алоқаманд мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтанд.

Ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандони илмӣ, докторантон, адъюнктони Академияи ВКД фаъолияти илмӣ-тадқиқотиро аз рӯи **26** мавзӯъ иҷро намудаанд, ки аз онҳо **23**-тояш мавзӯъҳои кафедравӣ мебошанд.

Нақшаи илмӣ-тадқиқотии Академия барои соли 2016 аз 4 фасл ва самтҳои зерин иборат буд:

– нақшаи гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ки дорои 47 банд ва 254 зербанд аст (190 зербанди Нақша иҷро шуд ва 64 зербанди Нақша иҷро нашуд);

– нақшаи гузаронидани тадқиқоти диссертатсионӣ (докторӣ ва номзадӣ), ки иборат аз 56 банд аст (10 банд иҷро нашуд);

– нақшаи гузаронидани конференсияҳои илмӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввар, ки дорои 27 банд аст (24 банди Нақша иҷро шуд ва 3 банди Нақша иҷро нашуд);

– нақшаи гузаронидани конференсияҳои илмӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввар, ки аз тарафи ҷамъиятҳои илмии курсантони (ҶИК) Академияи ВКД гузаронида мешаванд, дорои 22 банд аст (21 банди Нақша иҷро шуд ва 1 банди Нақша иҷро нашуд).

**Самти аввал** ва муҳими фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академия – ин нашр намудани маводи илмию таълимӣ-методӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби роҳбарияти Академияи ВКД оид ба нашри маводи илмию таълимӣ-методӣ диққати махсус зоҳир карда мешавад. Дар соли 2016 теъдоде аз монографияҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳои (воситаҳои) таълимӣ ва методӣ аз чоп баромада, пешкаши профессорону омӯзгорон, курсантон ва шунавандагон гардиданд. Қобили қайд аст, ки ин ба пешравии илм ва ҷараёни таълим мусоидат менамояд. Нашри китобҳои дарсӣ барои курсантон ва шунавандагон яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳайати профессорону омӯзгорон ба шумор рафта, барои баланд бардоштани сатҳи дониши курсантон ва шунавандагон пояи хуберо ташкил медиҳад.

Миқдори умумии нашри маводи илмию методии ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД дар соли ҳисоботӣ **349** ададро ташкил медиҳад (дар ҳамин давраи соли 2015–**529** номгӯй – **яъне 280 камтар**), аз ҷумлаи онҳо:

| № | Номгӯи мавод | Интишор дар соли 2016 | Интишор дар соли 2015 | Эзоҳ: |
|---|---|---|---|---|
| 1. | **Монография** | **10** | **7** | **+ 3** |
| 2. | **Китоби дарсӣ** | **2** | **3** | **- 1** |
| 3. | **Нашри илмӣ-амалӣ** | **16** | **12** | **+ 4** |
| 4. | **Дастури (васоити) таълимӣ** | **17** | **11** | **+ 6** |
| 5. | **Дастури таълимӣ-методӣ** | **22** | **13** | **+ 9** |
| 6. | **Мақолаҳои илмӣ** | **186** | **223** | **- 37** |
| 7. | **Барномаҳои таълимӣ** | **32** | **79** | **- 47** |
| 8. | **Тақризҳо** | **58** | **160** | **-102** |
| 9. | **Брошюра** | **1** | **1** | **=** |
| 10. | **Корҳои илмӣ-тадқиқотие, ки дар ҳисоботи соли 2014 ва 2015 бо сабабҳои гуногун ворид нашудаанд** | **5 (мақолаҳои илмӣ)** | **20 (мақолаҳои илмӣ)** | **- 15** |
| 11. | **Ҳамагӣ:** | **349** | **529** | **+ 22/-202 (в) - 180 (г)** |

Бояд қайд намуд, ки иҷрои **Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи** ВКД дар сатҳи зарурӣ иҷро намегардад, ки шаҳодати он дар ҷадвали дар боло оварда мебошад. На ҳамаи кафедраҳои дахлдор дар ин самт таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд ва дар бисёр маврид ба камаҳамиятӣ роҳ медиҳанд, ки ин ҳолат ба фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ дар Академияи ВКД таъсир мерасонад.

Соли ҷорӣ ба Академияи ВКД **170** супоришу дархостҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳо доир ба баррасӣ, таҳлил, таҳқиқ, омӯзиш ва додани баҳои ҳуқуқӣ, инчунин, таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, барномаҳои давлатию идоравӣ бахшида ба самтҳои мухталифи фаъолият ва ҳаёти ҷамъиятӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ бахшида ба фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ворид гардида, саривақт ба онҳо ҷавоб дар намуди пешниҳоду таклифҳо ва коркардҳо пешкаш карда шуданд. Аз ин коркард ва пешниҳодҳо **53**-тои он танҳо барои такмил додани қонунгузории миллӣ ва беш аз **60** санадҳои байналмилалӣ равона карда шудаанд.

Таълифи мақолаҳои илмӣ самараи фаъолияти илмии профессорону омӯзгорон ва курсантонро нишон медиҳад. Дар маҷаллаи илмии Осори Академияи (Труды Академии) мақолаҳои олимону омӯзгорони Академияи ВКД ва дигар муассисаҳои таълимии кишвар ва хориҷӣ он нашр мешаванд. Танҳо дар нашрҳои чопшудаи маҷаллаи илмии Осори Академия (Труды Академии) № 1 (29), 2 (30), 3 (31) ва № 4 (32) дар умум **87** мақолаҳои илмӣ, **9** тақризҳо ба нашр расидаанд, ки аз онҳо **58** мақолаҳои профессорону омӯзгорони Академияи ВКД мебошад, ки пешкаши аҳли илм гардиданд.

Ҳамчунин, қайд кардан ба маврид аст, ки дар маҷаллаи илмии Осори Академия (Труды Академии) **6** мақолаҳои илмии олимони хориҷи кишвар (ИДМ) ба чоп расидаанд.

Соли равон **40** мақолаҳои илмии ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД **дар нашрияҳои хориҷӣ** ба нашр расониданд, ки ин ҳам дастоварди назаррасе дар ин самт мебошад.

Дар умум бошад, аз ҷониби профессорону омӯзгорони Академияи ВКД дар соли равон **186** мақолаҳои илмӣ ба нашр расонида шуданд.

Қобили қайд аст, ки то ҳол дар маҷаллаи зикршуда мақолаҳои арзиши илмиашон паст низ ба нашр мерасанд. Аз сардорони кафедраҳо хоҳиш карда мешавад, ки қабл аз ба чоп пешниҳод намудани мақолаҳо, онҳоро дар ҷаласаи кафедраҳо муҳокима намуда, арзиши илмӣ доштани онҳоро муайян намоянд. Лозим ба ёдоварист, ки мақолаҳои илмӣ танҳо бо тақризи расмии роҳбарони кафедра ва мутахассисони соҳа ба нашр тавсия карда мешаванд. Талаботро оид ба нашри мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаи илмии Осори Академияи (Труды Академии) метавон дар сомонаи Академия ё дар Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр дастрас намуд.

Қобили қайд аст, ки то ҳол дар маҷаллаи зикршуда мақолаҳои арзиши илмиашон паст низ ба нашр мерасанд. Аз сардорони кафедраҳо хоҳиш карда мешавад, ки қабл аз ба чоп пешниҳод намудани мақолаҳо, онҳоро дар ҷаласаи кафедраҳо муҳокима намуда, арзиши илмӣ доштани онҳоро муайян намоянд. Лозим ба ёдоварист, ки мақолаҳои илмӣ танҳо бо тақризи расмии роҳбарони кафедра ва мутахассисони соҳа ба нашр тавсия карда мешаванд. Талаботҳоро оид ба нашри мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаи илмии Осори Академияи (Труды Академии) метавон дар сомонаи Академия ё дар Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр дастрас намуд.

Дар матбуоти даврӣ (дар маҷаллаю рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ва соҳавӣ) низ беш аз **150** мақолаҳои сиёсӣ-оммавии устодони Академия дар мавзӯҳои гуногун ба табъ расонида шудаанд.

Профессорону омӯзгорони Академияи ВКД дар таблиғи арзишҳои ҳуқуқӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, хусусан наврасону ҷавонон, тарбияи онҳо дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ватанпарастию хештаншиносӣ, решакан намудани ғояҳои бегонапарастӣ, пешгирӣ намудани пайвастани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ, аз ҷумла, иштирок намудан дар задухӯрдҳои мусаллаҳонаи давлатҳои Сурия ва Ироқ, Афғонистон ва ғ., эҳтирому риояи қонун, тарбияи маданияти баланди сиёсӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва масъулиятшиносӣ ба хотири таъмини сулҳу субот, Ваҳдати миллӣ, ободии фардои мамлакат ва наслҳои оянда, давлатдории муосири миллӣ, пешрафти минбаъдаи кишвар ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, инчунин, арҷгузорӣ дар роҳи эъмори давлатдории навини тоҷикон, пайвастани он бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон **низ саҳмгузор буда**, тавассути **шабакаҳои телевизиони тоҷик** (ТВ-1), **баромад кардан, дар масҷидҳои ҷомеъ ва масҷидҳои панҷвақта вохӯрӣ бо аҳолӣ** дар мавзӯъҳои номбаршуда суханронӣ кардаанд. Аз ҷумла:

**1. вохӯрӣ бо аҳли ҷомеа, хусусан бо ҷавонон, инчунин баромад кардан дар масҷидҳои ҷомеъ ва масҷидҳои панҷвақта** дар мавзӯи тарғиби арзишҳои ҳақиқии

дини ислом, роҳ надодан ба ғояҳои бегонапарастӣ, пешгирӣ намудани гароиши ҷавонон ба ҳаракатҳои террористию экстремистӣ, иштирок намудан дар задухӯрдҳои мусаллаҳонаи давлатҳои Сурия, Ироқ, Афғонистон ва ғ., тарбияи ҳисси ватандӯстӣ баҳри ободии фардои мамлакат, содиқ будан ба арзишҳои таърихию фарҳангии халқи тоҷик (ш.Душанбе, вилояти Суғд, вилояти Хатлон, шаҳру ноҳияҳои минтақаи Рашт тӯли моҳи январ-апрели соли 2016 Саидзода З.А. бо баромадҳо дар мавзӯҳои **"Афзалияти мазҳаби Абӯҳанифа" ва гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар самти "Пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ")** Ташкилкунанда – ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**2. вохӯрӣ бо аҳли ҷомеа ва фаъолони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (Роғун, Файзобод, Рӯдакӣ, Варзоб, Турсунзода, Ҳисор, Шаҳринав)** дар самти гузаронидани корҳои таблиғотӣ оид ба зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон (ноҳияҳои тобеи марказ, тӯли моҳи феврал-марти соли 2016). Ташкилкунанда –Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (иҷрокунанда Солиев К.Ҳ.);

**САМТИ ДУЮМИ фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД** – ин тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмӣ-педагогӣ махсуб мегардад, ки ин раванд сол то сол бо муассисаҳои олии хориҷиву дохилӣ густариш пайдо намуда, барои пешрафти фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД мусоидат менамояд.

Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муассисаи олии касбии таълимӣ барномаи таълимӣ-касбии таҳсилоти олиро тибқи стандарти давлатӣ ва самти муайяни таълиму тахассус, тайёрии касбии шаҳрвандон вобаста ба майлу хоҳиш, қобилият ва талаботи меъёрии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таъмин ва татбиқ намуда, ҳамчунин тавассути **адъюнктура** фаъолияти тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогиро амалӣ мегардонад.

Бинобар ин, ҷиҳати густариш додан ва мустаҳкам намудани базаи илмии Академия, баланд бардоштани нуфузи илмии он дар миқёси муассисаҳои олии таълимӣ ва илмии ҷумҳурӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи маълумот, тахассуси илмӣ ва педагогии шаҳрвандон **соли 2014 якумин маротиба шуъбаи адъюнктура** таъсис дода шуд, **ки тайи ду сол фаъолият намуда истодааст.** Мақсади асосии таъсис ва ба фаъолият шурӯъ намудани шуъбаи адъюнктура ин тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ дар соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо роҳи тақвият додани тайёрии назариявӣ ва тахассусии махсусан кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шаҳрвандон, аз худ намудани усулу воситаҳои тадқиқоти илмӣ ва мустақилона дар сатҳи баланд анҷом додани корҳои илмӣ, пеш аз ҳама вобаста ба бартараф намудани муаммоҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоии мақомоти корҳои дохилӣ мебошад.

Таъсис ва фаъолияти Шуъбаи адъюнктура бо Фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис додани аспирантура» аз 11 апрели соли 2014 таҳти № 696 пешбинӣ шуда, барои тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ аз руи ихтисосҳои илмии гуногун (дар 7 самт) дар шакли таҳсили рӯзона (то 21 нафар) ва таҳсили ғоибона (то 35 нафар) иҷозат дода шудааст. Ҳоло дар шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ аз руи ихтисосҳои илмии зерин тайёр карда мешаванд:

- 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат;
- 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; ҳуқуқи мунитсипалӣ;
- 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ;
- 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;
- 12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ;

- 12.00.11 – фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ ва ҳуқуқҳифзнамоӣ;
- 12.00.12 – криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

Шуъбаи адъюнктура дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008 № 308 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Оинномаи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи илму маориф ва мақомоти корҳои дохилӣ таҳиягардида, фаъолият менамояд.

Ғайр аз ин, раванди тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илм-педагогӣ дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008 таҳти № 308 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои қонунгузорӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравии дахлдор, ки аз ҷониби Шӯрои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва тасдиқ карда шуданд, муайян ва ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла:

**1.** Низомномаи шуъбаи адъюнктураи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Шӯрои олимони Академия аз 31 октябри соли 2014, Протоколи № 3);

**2.** Низомномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ дар Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Шӯрои олимони Академия аз 28 ноябри соли 2014, Протоколи № 4);

**3.** Низомнома дар бораи тартиби интихоб ва қоидаҳои қабул ба адъюнктураи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Шӯрои олимони Академия аз 28 ноябри соли 2014, Протоколи № 4);

**4.** Низомнома оид ба ташкил ва баамалбарории роҳбарии (мушовирии) илмии тайёр намудани рисолаҳои илмӣ дар Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Шӯрои олимони Академия аз 29 майи соли 2015, Протоколи № 11).

Соли ҳисоботӣ низ барои дар сатҳи функсионалӣ таъмин намудани фаъолияти дурусти шуъбаи адъюнктура ва раванди тайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ аз ҷониби сардори шуъбаи адъюнктура, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия Юсуфзода А.Ҳ. **Низомнома дар бораи аттестатсияи адъюнктон ва унвонҷӯёни Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон** омода карда шудааст, ки дар арафаи пешниҳод барои тасдиқ дар Шӯрои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Илова бар ин, соли 2016 аз ҷониби олимони Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Дар бораи тасдиқи Низомномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз 2 июли соли 2008 таҳти № 308 ҷиҳати бо воситаҳои таълимӣ таъмин намудани раванди тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ якчанд воситаҳои таълимии ихтисосӣ омода ва таҳия карда шудаанд, аз ҷумла:

- Юсуфзода А.Ҳ. Барномаи корӣ оид ба тайёрӣ ба имтиҳони номзадӣ аз руи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; ҳуқуқи мунитсипалӣ (бо забони русӣ). Душанбе, 2016. – 40 с.;

- Тошев А.М. Барномаи корӣ оид ба тайёрӣ ба имтиҳони номзадӣ аз руи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат. Душанбе, Академияи ВКД ҶТ, 2016.

- Тошев А.М. Барномаи корӣ оид ба тайёрӣ ба имтиҳони номзадӣ аз руи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат. Душанбе, Академияи ВКД ҶТ, 2016.

- Ҳайдарзода Ш.Ҳ., Қурбонов А.А., Сангов А.С. Барномаи имтиҳони дохилшавӣ ба шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. Душанбе, Академияи ВКД ҶТ, 2016.

- Шарипов Т.Ш., Нажбудинов М.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Барномаи имтиҳони минимум аз руи  ихтисоси 12.00.08 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. Душанбе, Академияи ВКД ҶТ, 2016.

- Юлдошев Р.Р. Барномаи имтиҳони дохилшавӣ ба шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ. Душанбе, Академияи ВКД ҶТ, 2016.

- Максудов Р.М., Назруддинов М.З., Кодиров Т.Х., Сафарова С.Н. Программа вступительного экзамена в адъюнктуру Академии МВД Республики Таджикистан по дисциплине “иностранный язык” (русский, английский, немецкий). Душанбе, Академия МВД РТ, 2016.

**Яке аз шаклҳои тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмию педагогӣ ин докторантура мебошад.** Бо мақсади омода ва ҳимоя намудани рисолаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои ҳуқуқ аз ҳисоби кормандони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон **6 нафар** аз руи ихтисосҳои илмии гуногун ҳамчун докторант-унвонҷӯ, тадқиқоти илмӣ гузаронида истодаанд. Инҳо:

1. **Сафаров Ҳаётҷон Саидамирович** ҳамчун докторант-унвонҷӯи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи илмии худро дар мавзуи «Теоретические, правовые и организационные основы деятельности правоохранительных органов по борьбе с терроризмом (по материалам Республики Таджикистан)» барои дарёфти унвони дараҷаи доктори илмҳои ҳуқуқ аз руи ихтисоси 12.00.01 - назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат (тасдиқ дар Шӯрои олимони Академия аз 27 феврали соли 2015, Протоколи № 8) зери мушовирии илмии доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҷидзода Ҷӯрахон Зоир;

2. **Умаров Хайём Амиршоевич** ҳамчун докторант-унвонҷӯи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи илмии худро дар мавзуи «Правовая политика Республики Таджикистан в сфере противодействия коррупции: проблемы теории и практики» барои дарёфти унвони дараҷаи доктори илмҳои ҳуқуқ аз руи ихтисоси 12.00.01 - назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат (тасдиқ дар Шӯрои олимони Академия аз 27 феврали соли 2015, Протоколи № 8) зери мушовирии илмии доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҷидзода Ҷӯрахон Зоир ва доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Шарипов Тақдиршо Шарипович;

3. **Юлдошев Рифат Раҳмадҷонович** ҳамчун докторант-унвонҷӯи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи илмии худро дар мавзуи «Конституционные основы уголовного преследования по законодательству Российской Федерации, Республики Таджикистан, постсоветских государств и стран Центральной Азии» барои дарёфти унвони дараҷаи доктори илмҳои ҳуқуқ аз руи ихтисоси 12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ (тасдиқ дар Шӯрои олимони Академия аз 27 феврали соли 2015, Протоколи № 8) зери мушовирии илмии доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Михайлов Виктор Александрович;

4. **Алимардонов Манучеҳр Усмонович** ҳамчун докторант-унвонҷӯи шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Становление и развитие таджикской советской и суверенной государственности (1917 г. - начало

XXI века): историко-правовое исследование» аз руи ихтисоси 12.00.01 - назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат зери мушовирии илмии доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҷидзода Ҷӯрахон Зоир тадқиқоти илмӣ бурда истодааст (тасдиқ дар Шӯрои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 апрели соли 2015, Протоколи № 3);

**5. Муҳаммадиев Изатулло Сайфуллоевич** ҳамчун докторант-унвонҷӯи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи илмии худро дар мавзуи «Особенности деятельности органов прокуратуры Таджикистана в годы Великой Отечественной Войны 1941-1945 гг.: историко-правовой аспект» барои дарёфти унвони дараҷаи доктори илмҳои ҳуқуқ аз руи ихтисоси 12.00.01 - назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат (тасдиқ дар Шӯрои олимони Академия аз 27 феврали соли 2015, Протоколи № 8) зери мушовирии илмии доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҷидзода Ҷӯрахон Зоир;

**6. Мирзоев Саломатшо Бозорбоевич** ҳамчун докторант-унвонҷӯи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи илмии худро дар мавзуи «Конституционное судопроизводство в Республике Таджикистан в контексте конституционного правосудия мирового сообщества» барои дарёфти унвони дараҷаи доктори илмҳои ҳуқуқ аз руи ихтисоси 12.00.02 - ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; ҳуқуқи мунитсипалӣ (тасдиқ дар Шӯрои олимони Академия аз 27 феврали соли 2015, Протоколи № 8) зери мушовирии илмии доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҷидзода Ҷӯрахон Зоир ва доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Салников Виктор Александрович.

Бояд зикр намуд, ки Мирзоев С.Б. матни рисолаи илмии доктории худро пурра ба итмом расонида, онро барои санҷиш ба мушовирони илмиаш доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҷидзода Ҷӯрахон Зоир ва доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Салников Виктор Петрович супоридааст (Ахбороти Мирзоев С.Б. аз 11 декабри соли 2015).

Докторант-унвонҷӯ Сафаров Ҳ.С. матни рисолаи илмии доктории худро пурра ба итмом расонида, дар арафаи муҳокима дар кафедра қарор дорад (Ахбороти шифоҳии Сафаров Ҳ.С. аз 16 декабри соли 2016).

Раванди таълим ва фаъолияти илмӣ-тадқиқотии адъюнктон ва унвонҷӯён тибқи Нақшаи таълим барои тайёр намудани адъюнктон (ҳам барои шакли таҳсили рӯзона ва ҳам ғоибона) ба танзим дароварда шудааст. Бояд қайд намуд, ки Нақшаи таълимии мазкур аз ҷониби сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳукук, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ ва вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессор Саид Нуриддин Саид тасдиқ карда шудааст ва аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун намуна барои ҳамаи шуъбаи аспирантураи муассисаҳои олии таълимӣ ва илмии ҷумҳурӣ эътироф ва қабул гардидааст.

Дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати иҷрои Нақшаи таълимии дар боло қайдшуда ду маротиба (нимсолаи аввал аз 04 январ то 05 феврали соли 2016, нимсолаи дуюм аз 03 май то 15 июни соли 2016) машғулиятҳои дарсӣ ташкил ва гузаронида шудаанд. Тибқи Нақшаи таълимии мазкур дар нимсолаи аввал аз 04 январ то 05 феврали соли 2016, адъюнктон аз фанҳои таълимии зерин ба таҳсил фаро гирифта шуда буданд:

- таърих ва фалсафаи илм;
- педагогика;
- педагогикаи мактаби олӣ;
- асосҳои методологии тадқиқоти илмӣ;
- асосҳои ҳуқуқӣ-ташкилии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар нимсолаи дуюм аз 03 май то 15 июни соли 2016 бошад, тибқи Нақшаи таълим аз фанҳои зерин машғулиятҳои дарсӣ ташкил ва гузаронида шуданд:

- таърих ва фалсафаи илм;
- психология;
- психологияи мактаби олӣ;
- аз руи ихтисоси илмии 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат;
- аз руи ихтисоси илмии 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; ҳуқуқи мунитсипалӣ;
- аз руи ихтисоси илмии 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ;
- аз руи ихтисоси илмии 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;
- аз руи ихтисоси илмии 12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ.

Машғулиятҳоро докторони илм ва номзадони илм, аз ҷумла аз фанни таърих ва фалсафаи илм - номзади илмҳои фалсафа, полковники милитсия Ҷураев Р.З.; педагогика ва педагогикаи мактаби олӣ - номзади илмҳои педагогӣ, подполковники милитсия Ҳайдарзода Ш.; асосҳои методологии тадқиқоти илмӣ ва асосҳои ҳуқуқӣ-ташкилии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - номзади илмҳои ҳуқуқ, майори милитсия Юсуфзода А.Ҳ.; психология ва психология мактаби олӣ - номзади илмҳои сиёсатшиносӣ Расулов С.Х.; фанҳои ихтисосҳои илмӣ - 12.00.01 - номзади илмҳои ҳуқуқ, майори милитсия Тошев А.М.; 12.00.02 - номзади илмҳои ҳуқуқ, майори милитсия Юсуфзода А.Ҳ.; 12.00.03 - номзади илмҳои ҳуқуқ, Шомаҳмадов Б.; 12.00.08 - доктори илмҳои ҳуқуқ Шарипов Т.; 12.00.09 - номзади илмҳои ҳуқуқ, майори милитсия Юлдошев Р.Р. гузарониданд.

Инчунин, санаи 21 июни соли 2016 дар асоси Нақшаи таълимии зикргардида адъюнктон ва унвонҷӯён пас аз ҳимояи реферат аз фанни таърих ва фалсафаи илм **имтиҳони минимуми номзадӣ** супориданд. Боиси қайд ва ифтихор аст, ки ташкил ва қабули имтиҳони номзадӣ дар таърихи 25-солаи фаъолияти Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал мебошад.

Ғайр аз ин, моҳи июни соли 2016 бо мақсади муайян ва дуруст баҳогузорӣ намудани фаъолияти илмӣ-тадқиқотии адъюнктон ва унвонҷӯён тибқи муқаррароти Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008 таҳти № 308 **аттестатсияи солонаи** онҳо ташкил ва гузаронида шуд. Натиҷаи аттестатсияи солонаи адъюнктон ва унвонҷӯён бо ҳуҷҷатҳои дахлдор ба расмият даровarda шудааст, ки тибқи он ба адъюнкт Сафаров С. бинобар сабаби пурра иҷро накардани бандҳои нақшаи кори инфиродӣ муҳлати санҷишӣ ба муддати 6 (шаш) моҳ дода шуд. Бояд қайд намуд, ки фаъолияти илмӣ-тадқиқотии адъюнкт Сафаров С. дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мусбӣ баҳогузорӣ карда шуда буд. Лекин аз ҷониби кормандони шуъбаи адъюнктура маълум карда шуд, ки **маълумотҳое, ки дар ҷаласаи кафедра тасдиқ карда шуда буданд, нодурустанд**. Вобаста ба ҳолати мазкур ҷаласаи якҷояи шуъбаи адъюнктура ва кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд ва сардори кафедраи зикргардида, капитани милитсия, номзади илмҳои ҳуқуқ **Наҷбудинов М.А.** ҷиҳати роҳ надодан ба чунин камбудӣ **огоҳонида шуд.**

Чун солҳои қаблӣ соли 2016 низ **қабули довталабон** ба адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руи ҳафт ихтисоси илмӣ (12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат; 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; ҳуқуқи мунитсипалӣ; 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ; 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ; 12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ; 12.00.11 – фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ ва ҳуқуқҳифзнамоӣ; 12.00.12 – криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ) ба роҳ монда шуда буд.

Қабул ба адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли ҳисоботӣ аз 11 ноябри соли 2016 оғоз гардида, ҷиҳати ҷалби шаҳрвандон ва кормандони мақомоти давлатӣ, пеш аз ҳама корҳои дохилӣ, ба сомонаи расмӣ-интернетии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.vkd.tj), Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.avkd.tj), ба муассисаҳои давлатии телевизионии «Шабакаи якум», «САФИНА», «Ҷаҳоннамо», инчунин ба нашрияҳои даврии «Қонун ва Ҷомеа», «Набзи милитсия» эълон барои қабул ба адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуда буданд.

Ғайр аз ин, ҷиҳати ҷалби бештари кормандони дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, муассисаҳои олии таълимӣ ва илмии ҷумҳурӣ ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Омӯзишгоҳи олии сардори Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, Раёсати ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, РНТ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе мактубу эълонҳо вобаста ба тартиби интихоб ва қоидаҳои қабул ба адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуданд.

Дар маҷмуъ ҷиҳати **дохил шудан ба адъюнктура 13 нафар довталаб** (тариқи таҳсили **рӯзона – 3 нафар; ғоибона – 10 нафар**) аз руи ихтисосҳои илмии 12.00.01 – 6 нафар (рӯзона-буҷавӣ – 2; ғоибона-буҷавӣ – 4); 12.00.03 – 1 нафар (рӯзона-буҷавӣ – 1); 12.00.08 – 2 нафар (ғоибона-буҷавӣ – 2); 12.00.09 – 4 нафар (ғоибона-буҷавӣ - 4) ҳуҷҷат пешниҳод намуданд. Ҳамаи довталабон кормандони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла 4 нафар кормандони Академия буданд.

Раванди ташкил ва гузаронидани имтиҳоноти қабул ба адъюнктура дар асоси муқаррароти Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 июли соли 2008 № 308, Низомнома «Дар бораи тартиби интихоб ва қоидаҳои қабул ба адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 ноябри соли 2014 ба роҳ монда шуд.

Инчунин, ҷиҳати иҷроиши муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ қабули довталабон ба адъюнктура дар асоси фармонҳои сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Комиссия оид ба санҷиши ҳуҷҷатҳои номзадҳо барои дохил шудан ба адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016» таҳти № 451 аз 24 октябри соли 2016, «Дар бораи таъсиси Комиссияи имтиҳонҳои қабули довталабон ба адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016» таҳти № 459 аз 29 октябри соли 2016 ташкил ва гузаронида шуд.

Ҷиҳати иҷроиши муқаррароти дахлдори қонунгузорӣ тибқи фармони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 октябри соли 2016 таҳти № 451 Комиссия оид ба санҷиши ҳуҷҷатҳои номзадҳо барои дохил шудан ба адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати зерин таъсис дода шуда буд:

**Раиси комиссия:**

**Солиев К.Ҳ.** – н.и.ҳ., муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, полковники милитсия;

**Аъзоёни комиссия:**

**1) Юсуфзода А.Ҳ.** – н.и.ҳ., сардори шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия;

**2) Зайдуллоев С.С.** – муовини сардори шуъбаи таълими Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия;

**3) Салиев М.Н.** – сардори қисми таълимии шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия;

**Котиби комиссия:**

**Дадаева Д.А.** – муаллим-методисти шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия.

Ҳуҷҷатҳои довталабон аз ҷониби Комиссияи мазкур ҳуҷҷатҳои номзадон таҳти санҷиш қарор дода шуд. Комиссия парвандаи номзадонро санҷида, ба як нафара довталаб – Раҳмони И.И. (муаллими кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия) барои риоя нагардидани талаботи бандҳои 3 ва 4 Низомномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 308 аз 2 июли соли 2008 тасдиқ гардидааст, яъне бинобар сабаби надоштани собиқаи кории на камтар аз дусола пешниҳод накардани тавсияи шӯрои илмии муассисаи таҳсилоти олӣ (факулта) барои иштирок дар имтиҳонҳои озмунӣ ба адъюнктура роҳхат надод. Натиҷаи кори Комиссия бо тартиб додани Протокол ба расмият дароварда шудааст.

Бо мақсади ба як низоми муайян даровардани раванди ташкил ва гузаронидани қабул ба адъюнктура Ҷадвали гузаронидани машварат ва қабули имтиҳонҳои дохилшавӣ ба адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 омода карда шуда, аз ҷониби сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ аз 08 ноябри соли 2016 ба тасвиб расонида шуд. Бо назардошти хулосаи Комиссия оид ба санҷиши ҳуҷҷатҳои номзадҳо барои дохил шудан ба адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷадвали гузаронидани машварат ва қабули имтиҳони дохилшавӣ ба ҷузъу томҳои дахлдори ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мактубҳо ҷиҳати таъмини иштироки довталабон дар имтиҳони дохилшавӣ ба адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуданд.

Довталабони зерин Ҳакимов Ҷаъфар Бобоевич (муфаттиши ГТ ШВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ноҳияи Деваштич, лейтенанти калони милитсия) ва Зокиров Парвиз Акрамович (ваколатдори оперативии ШКҶ ШВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ноҳияи Деваштич, капитани милитсия) бо сабабҳои номуайян барои супоридани имтиҳони дохилшавӣ ҳозир нашуданд.

Тибқи ҷадвали дар боло зикргардида раванди қабул ба адъюнктура аз 14 ноябри соли 2016 оғоз гардида, санаи 24 ноябри соли 2016 ба итмом расонида шудааст.

Ҳамин тариқ, баъд аз супоридани имтиҳоноти дохилшавӣ тибқи фармони сардори Академия таҳти № 503 аз 05 декабри соли 2016 «Оид ба қабул намудан ба адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» **7 (ҳафт) нафар**: **таҳсили рӯзона-буҷавӣ - 2 (ду) нафар** ва **таҳсили ғоибона-буҷавӣ – 5 (панҷ) нафар** қабул карда шуданд. Дохилшудагон инҳоянд:

**1) Ба таҳсили рӯзона-буҷавӣ ба муҳлати 3 (се) сол:**

**- Азимова Умеда Акбаровна**, нозири калони шуъбаи кадрҳои Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия бо ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат;

**- Юсупов Юсуф Самеджанович**, дар ихтиёри РК ва КҲШ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия бо ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

**2) Ба таҳсили ғоибона-буҷавӣ ба муҳлати 4 (чор) сол:**

**- Довудзода Сафаралӣ Давлат,** муовини сардори ШВКД дар ноҳияи И.Сомонӣ, майори милитсия бо ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат;

**- Ғафуров Далер Азалшоевич**, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,

капитани милитсия бо ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат;

- **Комилов Комил Ҷалолович,** нозири калони ШҲБ РҲБ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия бо ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;

- **Нозимиён Абубакри Ҳайдарализод**, муфаттиши гуруҳи тафтишотии ШВКД дар ноҳияи Хуросон, лейтенанти калони милитсия бо ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;

- **Уроқов Олимҷон Тоҳирович,** сардори шуъбаи нозиротии Раёсати нозиротӣ-ташкилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия бо ихтисоси 12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ.

Тибқи муқаррароти Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 июли соли 2008 № 308 довталабон С.Ғ. Наврӯзов (муаллими калони кафедраи «ФМТ» факултети № 3 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия), Г.Р. Сафаров (Ваколатдори оперативии ШОҶ ВМ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия) бинобар сабаби аз фанни ихтисос баҳои «**қаноатбахш**» ва довталаб И.И. Зокиров (сардори шуъбачаи ҳуқуқии РҲБ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия) баҳои «**ғайриқаноатбахш**» гирифтан ба адъюнктура дохил нагардиданд.

